**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-хуқукӣ», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Ҳасанзода Шаҳноза Музафар ба яке аз масъалаҳои мубрами масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосир, яъне робитаи мутақобилаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи дохилидавлатӣ бахшида шудааст. Дар замони муосир яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат дар самти таъсис ва такмили қонунгузории давлатӣ ин баамалбарории принсип ва меъёрҳои ҳуққи байналмилалӣ дар сатҳи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як давлате, ки худро ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ меҳисобад ва санадҳои универсалии ҳуқуқи байналмилалиро ба имзо расонидааст, эҳтимоли ворид намудани ин принсипу меъёрҳоро дар қонунгузории дохилӣ пешбинӣ менамояд. Аз ин рӯ, таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи давлатӣ ва мубрамияти таҳлили ин мавзуъ бе шубҳа аён мебошад.

Автореферати диссертатсияи баррасишаванда ба яке аз масъалаҳои мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқи муосир – ҳамгироии ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ва рушди он дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст ва аз муқаддима, 3 боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Ш.М. Ҳасанзода дар диссертатсия бо дарназардошти маводи илмӣ, аз нигоҳи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ меъёри қ. 3 мод. 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муқаррар кардааст «санадҳои

ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд» мавриди таҳқиқ қарор дода, мавқеи низоми ҳуқуқи байналмилаиро дар рушди низоми ҳуқуқии кишвар муайян намудааст. Ҳамзамон дар диссертатсия ҷойи сиёсати ҳуқуқи байналмилаии кишвар дар миёни сиёсати ҳуққиии кишвар баррасӣ ва таҳлил гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муқарраротӣ умуминазариявӣ доир ба ҷойгоҳ ва нақши ҳуқуқи байналмилалӣ дар дар низоми танзими ҳуқуқӣ ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои дохилидавлатӣ ташкил дода, тамоюли рушди низоми ҳуқуқи муосирро муайян менамояд. Истифодаи онҳо ба муаллиф имконият фароҳам овардаанд, ки як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати бо самар гардонидани раобитаи ҳуқуқи дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ, ҳифҳи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ворид намудани тағйирот ба қонунгузории конститутсионии ва тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорий ва зерқонунии амалкунандаи кишвар дар соҳаи зикргардида баён намояд. Консепсияи пешниҳодшуда ҷиҳати танзими як қатор мушкилотҳои илмиро бартараф намуда, барои ба таври судманд амалӣ намудани робитаҳои байналмилалӣ нақши босазоро иҷро хоҳад кард.

Мавқеи диссертант қобили дастгирӣ мебошад, вакте ӯ менависад: «Дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳеҷ ваҷҳ набояд нақши ҳуқуқи байналмилалиро дар рушди низоми ҳуқуқии дохилидавлатӣ, инчунин дар ҳалли мушкилоти глобалии башарият нодида гирифт. Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ҳамеша нақши асосиро мебозад ва ба қонунгузории миллии он давлатҳое, ки худро аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешуморанд, ҳамеца таъсир мерасонад. Аммо дар шароити муосир, дар пасманзари муқовимати геополитикии байни давлатҳои абарқудрати ҷаҳон принсипҳо ва равишҳои нав ба шаклу механизмҳои равобити ҳуқуқҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ

зарур аст. Ин бояд ба принсипҳои ба назар гирифтани манфиатҳои миллӣ асоснок шавад» (с. 33).

Қайд намудан ба маврид аст, ки аҳамияти амалии тадқиқот бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти амалии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), мақомоти судӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди амалигардонии ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои дохилидавлатӣ аз ҷониби онҳо, ки метавонанд ба такмили шаклу методҳои фаъолияти онҳо мусоидат намоянд.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки аз мазмуни автореферат баъзе паҳлуҳои масъалаҳои баррасишуда возеҳу равшан нестанд. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба мониторинги иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин масъалаҳои марбут ба номгӯи созишномаҳои соҳавӣ, ки мақомоти давлатии Тоҷикистон имзо мекунанд, дохил карда шаванд (с. 36). Мехостем, ки дар ҷараёни ҳимоя диссертант ин пешниҳоди худро муфассал асоснок намояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Шаҳноза Музафар дар мавзуи «Таъсири ҳуқуқи байналмилалӣ ба инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳасанзода Шаҳноза Музафар сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030101 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат)мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи

давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Имзоҳои** Холинова М.М. -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.

«2»__09______2025 с.